“Тасдиқ мекунам”
Директори Институти боғу токпарварӣ
ва сабзавоткории АИКТ, н.и.к.
Кароматов Ш.Ш. ________
аз 28 апрели соли 2025, №2

## НУСХА АЗ ПРОТОКОЛИ №2

ҷаласаи шуъбаи технологияи муосири сабзавоткории Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

аз 28.04.2025 ш. Душанбе

Раис: Қурбонов З.М.
Котиб: Мирзоев А.А.

**Иштирок карданд:** Ахмедов Т.А. –д.и.к., академики АИКТ, Раҳимов Ш.Д.- ходими калони илмӣ, Толихов Ҷ.А. – ходими калони илмӣ, н.и.к.; Қурбонова Б.Ф.- ходими илмӣ ва даъватшудагон Камолов Н. н.и.к., ходими пешбари илмӣ; Қаландаров Р.Ю. н.и.к., мудири шуъбаи технологияи инноватсионии токпарварӣ; Эшонқулова Р.У. н.и.к. мудири шуъбаи илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ; Толибов А.Қ.- н.и.к., ходими калони илмӣ; Давлатов М.- ходими калони илмӣ; Бобилоева З.- ходими калони илмӣ; Нурҷаҳони Р.- ходими илмӣ.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷуи шуъбаи технологияи муосири сабзавоткории Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи «Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09 – Сабзавотпарварӣ.

Роҳбари илмӣ: Ахмедов Турсунбой Абдуллоевич, доктори илмҳои кишоварзӣ, академики АИКТ, сарходими илмии шуъбаи технологияи муосири сабзавоткории Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ.

Шунида шуд: Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Раҳимов Ш.Д. баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз дошт, ки сабзавоткорӣ яке аз соҳаҳои асосии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Ҷиҳати таъмини аҳолӣ бо маводи ғизоӣ, фароҳам овардани ҷойҳои корӣ дар деҳот, таъмин намудани бозори дохилӣ бо маҳсулот дар тамоми давраи сол ва афзун гардонидани имкониятҳои содиротии мамлакат нақши муҳимро мебозад.

Ноил гардидан ба дастовардҳои баланди соҳаи сабзавотпарварӣ ва истеҳсоли пиёз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама ташкил намудани системаи илман асосноки истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш вобаста мебошад.

Соҳаи сабзавоткорӣ дар кишвари мо яке аз соҳаҳои муҳими хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад,ки он таърихи тулони дошта, дар таъмини ҳалли масъалаҳои озуқаворииi мамлакат саҳми бениҳоят калон дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд намудҳои гуногуни ин зироатҳо парвариш карда мешавад. Истеҳсоли ҳосили сабзавот дар соли 2024 ба 3,1 млн.тонна расид Аз ин миқдор ҳаҷми истеҳсоли пиёзӣ беҳӣ 780 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад.

Қонеъ намудани талаботи аҳолии мамлакат ба пиёзи беҳӣ дар давоми сол аз ҳисоби васеъ намудани майдони кишт, истифодаи навъҳои нави серҳосилу ба касалиҳо ва ҳашаротҳо тобовар, баланд бардоштани ҳосилнoки ва сифати он амали гардонида мешавад.

Барои ин раванд фақат кишти навъҳои тирамоҳӣ, ки ҳосилнокиашон дар аввали баҳор пухта мерасад, ҷавобгӯ ҳастанд. Зироати пиёзи беҳӣ ба мавҷудияти миқдори зарурии моддаи ғизоӣ дар хок ниёз дорад.

Яке аз омилҳои асосии он ин самаранок истифодабарии нуриҳои минералӣ мебошад, ки он ҳосилнокии ин зироатро то ба 40-50 % зиёд менамояд.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён Худойқулов Б.С. н.и.к. муовини директор оид ба илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ; Камолов Н. н.и.к., ходими пешбари илмӣ; Қаландаров Р.Ю. н.и.к., мудири шуъбаи технологияи инноватсионии токпарварӣ; Эшонқулова Р.У. н.и.к. мудири шуъбаи илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ; Сангинов Б.Б. мудири озмоишгоҳи биотехнологияи растанӣ; Давлатов М. ходими калони илмӣ ва дигар иштирокчиён саволҳо дода шуд, ки ба онҳо унвонҷӯ Раҳимов Ш.Д. ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан, роҳбари илмии унвонҷӯ Ахмедов Турсунбой Абдуллоевич, доктори илмҳои кишоварзӣ, академики АИКТ, сарходими илмии шуъбаи технологияи муосири сабзавоткории Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ оид ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии Раҳимов Шодмон Давлатович суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори

анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад, ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 06.01.09-Сабзавотпарварӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад. Дар охир, аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, Толиҳов Ҷ.А. н.и.к., баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла Камолов Н. н.и.к., ходими пешбари илмӣ, Қаландаров Р.Ю. н.и.к., мудири шуъбаи технологияи инноватсионии токпарварӣ, Эшонқулова Р.У. н.и.к. мудири шуъбаи илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Раҳимов Ш.Д. муҳаққиқи пурмасъул буда, муаллифи 16 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуқтаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба Раҳимов Ш.Д. мусоидат менамоянд.

Раҳимов Ш.Д. ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи ҷаласаи шуъба, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи «Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09 – Сабзавотпарварӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи «Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09 – Сабзавотпарварӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи шуъбаи технологияи муосири сабзавоткории Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ санаи 28.04.2025 Протоколи №2 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ - 12 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “тарафдор” – 12 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест.

Раиси ҷаласа:
Мудири шуъбаи технологияи
муосири сабзавоткории Институти боғу
токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ Қурбонов З.М.

Котиби ҷаласа:
Ходими калони илмии шуъбаи
технологияи муосири сабзавоткории
Институти боғу токпарварӣ
ва сабзавоткории АИКТ Мирзоев А.А.

Имзоҳои Қурбонов З.М. ва
Мирзоев А.А. - ро тасдиқ менамоям:
Сармутахассис оид ба кадри Институти боғу
токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ Музафарова М.Н.
28.04.2025

ИНСТИТУТИ ТОКПАРВАРӢ ВА САБЗАВОТКОРИИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО